## ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба диссертатсия ва автореферати Окимшоева Рухсора Суҳробовна дар мавзуи "Асосҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо истифода аз методҳои фаъоли таълим" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ)

Дар замони муосир таваҷҷуҳ ба "Асосҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо истифода аз методҳои фаъоли таълим" беш гардидааст. Албатта, ба касе пӯшида нест, ки омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар шароити муосир ҳарчӣ бештар ба усулҳои анъанавӣ такя намуда, чизи навро иқтидори қабул кардан надоранд. Танҳо дар маркази шаҳр ва ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ омӯзгорон синфҳои ибтидоӣ каму беш ба истифодаи методҳои фаъоли таълим таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд.

Окимшоева Рухсора Суҳробовна дар диссертацияи хеш тавассути таҳкиқотҳои педагогӣ роҳу усулҳои ташаккул додани салоҳияти хонандагони синфҳои ибтидоиро ниҳоят устокорона пешниҳод намуда тавонистааст. Ӯ ба таври раднашаванда исбот намудааст, ки баъзан бо айби омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дониш, маҳорат ва малакаи хонандагони синфҳои ибтидоӣ бедор нагардида, ба синфҳои болоӣ интиқол дода мешаванд.

Окимшоева Рухсора Суҳробовна тарз, роҳ ва усули дар синфҳои ибтидоӣ ташаккул додани салоҳиятро пешниҳод намуда, ба ин восита тавассути семинар, конференсия, курсҳои такмили ихтисос омода намудани омӯзгорони синфҳои ибтидоиро пешниҳод менамояд.

Рисолаи мазкур оид ба истифодаи методҳои фаъоли таълим дар ташаккули салоҳияти хонандагони синфҳои ибтидоӣ асосҳои баланди педагогиро ноил буда, дар Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи

Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон омода гардидааст.

Муҳаққиқ дар аснои омӯзиши асарҳои илмӣ-таҳқиқотии олимон доир ба истифодаи методҳои фаъоли таълим дар ташаккули салоҳияти хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ як қатор корҳои арзандаро сомон бахшида тавонист. Ӯ то кадом дараҷа мавриди омӯзиш қарор доштани масъаларо кушода тавонист ва аз нуқтаи назари муҳаққиқ дастуру тавсияҳо пешниҳод намуд, ки аз манфиат холӣ нестанд.

Яке аз бартарии кори диссертатсионии Окимшоева Р.С. дар он мебошад, ки истифодаи методҳои фаъоли таълимро дар ташаккули салоҳияти хонандагони синфҳои ибтидоӣ ниҳоят хуб кушода тавониста оид ба ташаккул додани муоширати хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва устувор гардонидани диққати онҳо фикру андешаҳои ҷолибе пешниҳод карда тавонистааст. Ӯ дар рисолаи хеш асоснок намудааст, ки дар бисёр ҳолат дикат нададани омӯзгор ба диққат, хотира ва санъати андешаронии хонандагон сабаби дар онҳо ташаккул наёфтани салоҳати маърифатӣ мегардад.

Дар диссертатсия ба таври асоснок сабаб ва омилҳои паст гардидани дониш, малака ва маҳорати хонандагони синфҳои ибтидоӣ кушода шудааст. Арзишнокии диссертатсия инчунин дар он мебошад, ки Окимшоева Р.С. ба таври раднашаванда дар ташаккули салоҳияти хонандагони синфҳои ибтидоӣ робитаи мактаб, оила ва ҷамъиятчигиро ниҳояи асоснок ишора намудааст.

Дар диссертатсияи мазкур Окимшоева Р.С. оид ба дурусту саривақти истифода бурдан аз методҳои самараноки кор бо хонандагони синфҳои ибтидоӣ ибрози андеша намудааст. Навгониии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти муҳаққиқ далелнок ва боэътимод буда, вобаста ба ин мақолаҳои зиёде ба табъ расидааст, ки муҳтавои рисоларо пурра инъикос менамоянд. Автореферати рисолаи мазкур пурра ифодагари мазмуни диссертация мебошад.

Омӯзишу таҳлили мавзӯи таҳқиқотро муҳаққиқ ба хулосаву тавсияҳои методӣ мувофиқ гардонидааст. Ҷолиб он аст, ки диссертант зимни баррасии ҳар зермавзуи рисола ба андеша ва пешниҳоди олимон, муҳаққиқон такя карда, хулосаҳои хешро мустақилона иброз намудааст.

Окимшоева Р.С. дар раванди таҳияи рисолаи илмӣ худро ҳамчун фарди боинтизом, мустақил, боадаб, масъулиятшинос муаррифи намуда тавонист. Бо назардошти хислатҳои шахсии муаллифи рисола ва омодагии ӯ дар таҳияи кори илмӣ чунин мешуморам, ки диссертацияи ӯ дар мавзуи “Асосҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо истифода аз методҳои фаъоли таълим”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод гардидааст, кори мустақилона баанҷомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, ҷавобгӯйи талаботи КАД-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Роҳбари илмӣ,
номзади илмҳои педагогӣ Маҳкамов Д.

Имзои Махкамов Д.-ро тасдиқ менамоям:
мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории
Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи
Абдураҳмони Ҷомии АТТ Ҳакимова Х.С.